**Маълумотнома оиди бахрабаранда Абдуллоев Даврон – ЛТСК ВМ ҶТ**

Абдуллоев Даврон сокини деҳаи Янгиёр, ҷамоати Маданияти ноҳияи Ҷ.Балхӣ солҳо боз ҳамчун саҳмдори хоҷагии деҳқонии “Адам Бобо” кору фаъолият мекард. Баъди аз Лоиҳаи Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ огоҳӣ пайдо кардан (аз буклети аз ҳамсояаш гирифта), фавран ба Агентии рушд-ТҶ Агросервис Консалтинг” бо дархост барои ҳамкорӣ муроҷиат намуд. Кормандони ин ташкилот имкониятҳои ӯро омӯхта, барои сохтани нақшаи тиҷоратӣ кӯмак расонида, инчунин ӯро то мақомоти дахлдори давлатӣ ва институтҳои молиявии маҳаллӣ хамроҳӣ карданд. Дар натиҷа соҳибкори мазкур аз грантҳои ҳиссавии Лоиҳаи “Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ-Маблағгузории иловагӣ” тариқи ҶСП ТАҚХ “Имон интернешнл” бархурдор гашт. Номбурда барои тиҷорати худро ташкил намудан трактори МТЗ-82 -ро ба маблағи 200 000-сомонӣ дархост намуд, ки аз ин 100 000-сомонӣ ҳамчун қарзи имтёзнок ва 100 000-сомонӣ ҳамчун грант ба ӯ пешниҳод шудааст. Саҳми худи соҳибкор 30 000-сомониро ташкил мелиҳад. Қобили қайд аст, ки баъди маблағгузорӣ шудани зерлоиҳа, яъне аз моҳи май соли 2020 соҳибкори навмашқ баъди хариди трактор дарҳол ба тиҷорати хизматрасонии техникӣ шуруъ намуд ва аллакай дар моҳи июн-июли ҳамон сол даромад гирифта маблағҳои фоиз ва қарзи асосиро пурра пардохт намуд. Дар моҳҳои август-сентябри соли равон ба маблағи 11000сомонӣ фоида ба даст овард. Айни ҳол трактор дар ҳолати хуби корӣ қарор дошта, мунтазам фаъолият намуда истодааст . Номбурд боварӣ дорад, ки бо ин роҳ ҳам рӯзии аҳли оиларо таъмин намуда ва ҳам ҳиссаи қарзи бонкиро дар вақташ бармегардонад.Ҳоло ӯ ҳамчун соҳибкори мустақил кору фаъолият карда, аз бахти баланди хеш ва кумаку дастгириҳои Ҳукумати кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ меболад.

